# ТАҚРИЗ

ба автореферати рисолаи илмии Гулрӯи Сухроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2019–2023 дар мавзуи «Худшиносии миллии хонандагон дар раванди корҳои беруназдарсӣ» иҷро гарида, рисола мазкур дар умум 181 саҳифаро дар бар мегирад, ки он, муқаддима, 2 боб, 8 параграф, хулоса, 3 ҷадвал, 4 расм ва 198 адабиёт иборат мебошад.

Дар автореферат муҳимияти мавзуи таҳқиқоти илмӣ асоснок карда шуда, бобҳои диссертатсия тарҳрезӣ гардидааст.

Дар боби якум диссертатсия ҳар як зербоб баррасӣ гашта, моҳият, мазмун, алоқамандӣ ва сохти худшиносии миллӣ, дар қисматҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ ва рафтор, муайян карда шудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия Гулрӯи С.Ҷ. корҳои озмоишии таҳқиқотиро оид ба ҳалли масъалаи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» ҷамъбаст намуда, хулосаи ниҳоии корро дар ҷадвалу диаграмаҳо пурра нишон додааст.

Дар таҳқиқоти диссертант вобаста ба масъалаи ташаккули худшиносии миллӣ 286–нафар хонандагони синфҳои озмоишӣ ва 284–нафар хонандагони синфҳои муқаррарӣ ҷалб гардидааст.

Доир ба мавзуи диссертатсия аз ҷониби муаллиф 1 монография, 1 дастури таълимӣ ва 12 номгӯи мақолаҳои илмӣ ба табъ расидааст, ки ин 8–тояш дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Руссия нашр шудааснд. 4–тои

боқимондаашро маводи конференсияҳои ҷумҳуриявию байналимлалӣ ташкил медиҳанд.

Хулосаи таҳқиқоти илмии докторанти PHD дар раванди таҳқиқот оиди "Ҳусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ" дар 7 банд ба тариқи мушаххас пайгири карда шудааст:

1. Ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ.

2. Муайян намудани қисматҳои таъсиррасонии худшиносии миллӣ.

3. Муайян намудани мақсаду самаранокии худшиносии миллии хонандагон.

4. Аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок намудани мафҳуми худшиносии миллии хонандагон.

5. Ба низоми донишҳои илмию таърихии худшиносии миллӣ мусаллаҳ намудани хонандагон.

6. Истифодаи имкониятҳои мавҷудаи педагогии худшиносии миллӣ.

7. Роҳҳо ва методҳои натиҷагирии корҳои озмоишӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон.

Дар баробари муваффақиятҳои зикршуда ба сифати тақриздиҳанда чанд нуқтаро ҳамчун эрод таъкид кардан фикр мекунам ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар баъзе аз саҳифаҳо саҳву иштибоҳои имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасад.

2. Ҳаҷми умумии афтореферат 68 саҳифааст ба андешаи ман ин миқдор камтар карда мешуд нағтар буд.

Эродҳои овардашуда, албатта ба арзиши назариявию амалии рисола таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ рисолаи докторанти PhD Гулрӯи С.Ҷ. дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шуда, арзиши назариявӣ ва амалии он ба бандҳои 76;

77 ва 79-и “Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 ба тасвиб расида. ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Номзади илмҳои педагогӣ
Мудири кафедраи методикаи таълим
таҳсилоти томактабӣ ва ибтидоии
Донишгоҳи давлатии Данғара : Набиев Ҷ.Ғ.

**Маълумот барои тамос:**
735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ноҳияи Данғара, к. Марказӣ, 25;
Тел: +992 833122-28-06, E-mail: dddangara2013@mail.ru; www.dsu.tj

Имзои номзади илмҳои педагогӣ Набиев Ҷурабек Ғаниевич-ро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кардҳо ва
корҳои махсуси Донишгоҳи
давлатии Данғара Ҷаббори Н.Ҷ.

02.12.2022